«Тасдиқ мекунам»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-математика, дотсент
_______________ Наҷмиддиниён А.М.
“ 23 ” январи соли 2022

Тақризи муассисаи пешбар
ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзуи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Дар замони муосир корҳои касбинтихобкунӣ бояд ба он нигаронида шуда бошанд, ки инкишофи майлу рағбатҳо бар хилофи эҳтиёҷоти хоҷагии халқ набуда, сохторан вазъи иқтисодии мамлакатро инъикос ва дар тарбияи иқтисодии шаҳрвандон мусоидат намоянд. Зеро аснои иҷрои амалҳои меҳнатӣ ва идоракунии равандҳои технологии истеҳсолот ташкилоту муассисаҳо ташкили меҳнати самарабахш, харҷи сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, сарфаи мақсадноки вақти корро ёд мегиранд. Ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии маҳсулотро азхуд карда, бо шаклҳои пардохти музди меҳнат шинос мешаванд, ки ҳамаи ин ба интихоби бошууронаи касб вобастагӣ дорад.

Диссертант Носирова Машҳура дар робита ба андешаҳои зикршуда муайян намудааст, ки донишу маҳорати омӯзгорони оянда дар самти ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар ягонагӣ ва ҳамкории низоми дониш ва шавқу рағбат, қобилият, меъёрҳои инфиродии рафтор ва методҳои асосии фаъолияти касбинтихобкунӣ, ҳамчунин низоми ҳиссиёти касбӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, корҳои касбинтихобкунии омӯзгори ояндаро раванди ягонаи андӯхти дониш, таҷриба ва татбиқи самарабахши онҳо дар фаъолият ва рафтори касбӣ ташкил медиҳад. Ин равандро омӯзгори оянда танҳо дар асоси ба даст овардани донишу маҳорат ва малакаи касбӣ ва сифатҳои шахсӣ зимни таҳсил дар донишгоҳ ё донишкада муваффақ мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳои боб дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳрасти адабиёт ва замимаҳо иборат буда, боби аввали он “Пайдоиш ва рушди касб аз давраи антиқа то замони муосир” унвон шудааст. Зимни таҳқиқи ин боб диссертант адабиёти сершумори илмӣ, маводи таърихӣ ва бостоншиносии маҳалҳои гуногуни Тоҷикистонро дар самти касбу касбомӯзӣ ва рушди он таҳлилу тасниф карда, сиёсати давлатиро роҷеъ ба интихоби дурусти касб муайян ва давраи рушди технологияҳои муосир ва талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои баландихтисосро равшан намудааст.

Муҳаққиқ мафҳуми салоҳиятнокии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони ояндаро тавзеҳ дода, сифати қисми таркибии салоҳиятнокии касбиро баррасӣ ва ҷузъҳои худмуайянкунии касбиро ба таври зерин муайян кардааст: ангезишӣ (мотиватсионӣ), когнитивӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ ва баҳодиҳанда.

Диссертант дар ин замина амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаро дар самти ташкили корҳои касбинтихобкунӣ аз диди муносибати босалоҳият ба таълим коркард намуда, мавриди озмоиш қарор додааст ва муайян кардааст, ки татбиқи амсилаи мазкур ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии омодагии омӯзгорони оянда ба корҳои касбинтихобкунӣ мусоидат мекунад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки “Омодагии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ва имконияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ моҳият, мундариҷа ва тайёр кардани омӯзгорони ояндаро ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ баён намуда, қайд менамояд, ки “касби ба хусусиятҳои физиологии одами солим номувофикро инсон ба таври бояду шояд аз худ карда наметавонад. Ин чунин маъно дорад, ки мувофиқ наомадани хусусиятҳои касб ба психотипи инсон, барои ноил гардидан ба натиҷае, ки ашхоси дигар онро бидуни сарфи неруи зиёд ба даст меоранд, қувваи назаррас сарф мекунад. Агар чунин номутобиқатӣ сари вақт ошкор карда нашавад, мутаассифона инсон метавонад дучори аз даст додани қобилияти меҳнатӣ гардад”

Диссертант Носирова Машҳура таъкид мекунад, ки аснои иҷрои корҳои касбинтихобкунӣ, тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дар мамлакат, талаботи хоҷагии халқ ба кадрҳо ва такмили сиёсати кадрӣ бо назардошти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дар заминаи мақсаду вазифаҳои касбинтихобкунӣ, ки мундариҷа, усул, восита ва шаклҳои гузаронидани онро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян мекунад, ба эътибор гирифта шавад. Муаллифи диссертатсия ҳамчунин афзудааст, ки дар ин

раванд бештар ба низоми донишҳо дар бораи касбҳои афзалиятнок, дар бораи талабот ба кадр ва дурнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ва маърифатноккунии касбӣ таваҷҷуҳ карда шавад.

Муҳаққиқ Носирова Машҳура зимни озмоишҳои педагогӣ ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаро ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ таҳқиқ намуда, самаранокии онро муайян карда, дар ин замина баён медорад, ки "ҷанбаи стратегии ҳадафҳо тартиби иҷтимоии ҷомеа буда, рушди ҳамаҷонибаи шахс тавассути ташкили меҳнат ва муносибатҳои инсонӣ таъмин мегардад". Мавсуф маҳоратҳои касбинтихобкунӣ-амалиро дар фаъолияти касбинтихобкунии омӯзгор яке аз ҷузъҳои муҳим муайян карда, қайд менамояд, ки донистани касби коргарӣ, маҳорати кор бо маводи табиӣ, рондани мошин, истифодаи воситаҳои техникии таълим аз ҷумлаи маҳоратҳои муҳимтарини корҳои касбинтихобкунӣ ба шумор мераванд.

Мавриди зикр, ки автореферати диссертатсияи Носирова Машҳур фарогири мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, усул ва марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст ва бо мазмун ва мӯҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунад.

Боиси тазаккур аст, ки аз тарафи диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 1 китобӣ дарсӣ, 11 мақолаҳои илмӣ, ки аз он 6 тоаш мақолаи илмии дар нашрияҳои бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 тоаш мақолаҳои илмии дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа шудаву ба нашр расонида шудааст.

Аснои таҳлили диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо баъзе нуктаҳое ба назар мерасанд, ки таъкид ва ислоҳи он ба мукаммал шудани мазмун, баланд гардидани сатҳ ва дараҷаи таҳқиқоти мазкур мусоидат менамояд. Аз ҷумла,

1. Хуб мебуд, агар бештар аз таҳқиқоти олимони тоҷик, ки дар ин самт кор кардаанд, мисолҳо оварда шавад.

2. Дар омоданамоии ҷадвалҳо ва услуби навиштани феҳристи адабиёт хатогии техникӣ ба назар мерасад. Ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд.

3. Дар диссертатсия ва автореферати он хатогиҳои услубӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар боби дуввуми рисола.

Бояд такид кард, ки ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба мазмун ва арзиши илмии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баёнгардида, диссертатсияи муҳаққиқ Носирова Машҳура Негматовна дар мавзуи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти илмии мустақилона ба охир расонда ҳисобида шуда, ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби муовини директор оид ба корҳои илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода шуда, дар суратмаҷлиси № 09 аз 23 январи соли 2023 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа, коршинос- н.и.п., ходими пешбари илмӣ,
муовини директор оид ба корҳои илмии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон Туронов С.Ш.

Котиби ҷаласа, н.и.п. мудири шуъбаи
таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон Махкамов Д.

"Имзои Туронов С.Ш. ва Махкамов Д.-ро
тасдиқ мекунам"
Мудири шуъбаи кадрҳои Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Айнӣ 126
Тел: +992372258405; E-mail: prmft.tj